**ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ**

**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-113-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Сафарова Фирӯза Мадабидовна дар мавзуи «Методикаи арзёбии дониши хаттии довталабон дар асоси натиҷаи имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон – кори хаттӣ (эссе)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ**

Диссертатсияи илмии Сафарова Фирӯза Мадабидовна ба яке аз масъалаҳои мубрами бахши таълим – арзёбии дастовардҳои таълимӣ (дониши хаттӣ ва малакаю маҳорати баёни андеша)-и довталабон аз фанни забони тоҷикӣ дар асоси натиҷаҳои бахши кори хаттии имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ (ИМД) ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ (МТТМОК) бахшида шудааст. Мубрамияти омӯзиши мавзуи мазкур, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки арзёбии донишу малака ва маҳорати довталабон бояд аз рӯи меъёри ягона ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок анҷом дода шавад.

Маҳз ҳамин ҷиҳати масъала дар диссертатсияи Сафарова Фирӯза Мадабидовна дар баробари пешниҳоди илмӣ методикаи арзёбии дониши хаттии довталабон дар асоси натиҷаи имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ иртибот дошта аз оғоз то интиҳои рисола дар madди назари рисоланавис қарор гирифтааст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Навиштани кори хаттӣ, аз ҷумла диктант, нақли хаттӣ, иншо, эссе, маъруза, реферат дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ яке аз муҳимтарин воситаҳои арзёбии дастовардҳои таълимии хонандагон, бахусус, дониши хаттӣ ва малакаю маҳорати баён карда тавонистани андеша ба шумор меравад.

Аз ин рӯ, пеш аз ҳама, натиҷаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои пешниҳодшударо дар амалияи корҳои таълимию тарбиявии муассисаҳои таълимӣ ва курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои болоӣ метавон истифода бурд.

Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи Сафарова Фирӯза Мадабидовна дар мавзуи «Методикаи арзёбии дониши хаттии довталабон дар асоси натиҷаи

имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон – кори хаттӣ (эссе)» ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ, ҳамчунин, ба Феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 пурра мутобикат мекунад.

Диссертант дар рисолаи хеш коркарди методикаи арзёбии дониши хаттии довталабон дар асоси натиҷаи ИМД ба МТТМОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон – кори хаттӣ (эссе), зимни такя намудан ба маводди назариявӣ-методӣ, ба натиҷаҳои озмоишҳои педагогии дар раванди омӯзиши забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва, албатта, дар заминаи ақидаҳои шахсиаш пешниҳод намудааст, ки аз ҷумлаи дастовардҳои муҳим ва дигари ӯ маҳсуб меёбад.

Аз ин нуктаи назар, мавзуи рисолаи Сафарова Фирӯза Мадабидовна мубраму муҳим буда, аз ҷиҳати назариявию амалӣ низ шоистаи дастгирист.

Диссертатсияи мазкур мутобиқ ба талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки 30 июни соли 2021 таҳти №267 ба тасвиб расидааст, таълиф шудааст. Кори диссертатсионӣ дар кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон (ДДТТ) ба номи Абуалӣ ибни Сино иҷро шуда, дар ҷаласаи васеъ ва муштараки кафедраи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (қарори №10, аз 26.06.2025).

Дар хулосаи ҷаласаи васеъ ва муштараки кафедраи забони тоҷикии ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино ба диссертатсия баҳои ҳаматарафаю объективӣ дода шудааст.

Натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар 8 мақолаи илмӣ ва маводди конференсияҳо, фишурдаҳо ва маърузаҳо инъикос ёфтааст, аз ҷумла, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионӣ (КОА)-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 макола нашр шудааст.

Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои такризшаванда ё худ эътирофшуда ба талаботи банди 34-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдик шудааст, мутобиқат мекунад.

Маводди диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иктибосшуда корбаст шудааст, ки ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» мувофиқат мекунад.

Диссертатсия ба талаботи «Низомнома дар бораи шурои диссертатсионӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267

тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф фикрҳои ҷолиб пешниҳод шудааст. Инчунин, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷаҳо ва муқаррароти нави илмӣ барои ҳимояи ошкор мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика ва методикаи таълим шаҳодат медиҳад.

Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Сафарова Фирӯза Мадабидовнаро дар мавзуи «Методикаи арзёбии дониши хаттии довталабон дар асоси натиҷаи имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон – кори хаттӣ (эссе)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Сафарова Фирӯза Мадабидовна дар мавзуи «Методикаи арзёбии дониши хаттии довталабон дар асоси натиҷаи имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон – кори хаттӣ (эссе)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ дар асоси банди 60-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» хонда, баррасӣ карда,

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Сафарова Фирӯза Мадабидовна дар мавзуи «Методикаи арзёбии дониши хаттии довталабон дар асоси натиҷаи имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон – кори хаттӣ (эссе)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Шербоев Саидбой** – узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода;
- **Турсунова Мунаввара Аъзамовна** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав** тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаи таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
**доктори илмҳои педагогӣ,**
**профессор** **Негматов Садуллоҷон Эргашевич**

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
**доктори илмҳои филологӣ,**
**профессор** **Ҳомидзода Дилмурод Ражаб**

**доктори илмҳои филологӣ,**
**профессор** **Солеҳов Мирзо Одинаевич**

*Имзоҳои С.Э. Негматов, Д.Р. Ҳомидзода, М.О. Солеҳовро тасдиқ мекунам.*

**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Шодихонзода Э.**

“__29__” __06__ **соли 2026**